# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шуморо барои иштирок дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи **«Саҳми тарҷумонҳои касбӣ дар густариши соҳаи сайёҳӣ»** даъват менамояд. Конференсия 28-уми майи соли 2021, соати 10:00 дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баргузор мегардад.

**Муҳокимаи мавзӯҳои зерин дар назар дошта шудааст:**

1. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар густариши соҳаи сайёҳӣ;
2. Вазъи кунунии таъминоти забонии фаъолияти роҳбалад-тарҷумонҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
3. Мушкилот ва норасоии мутахассисони соҳаи тарҷумонӣ дар соҳаи саёҳат ва меҳмондорӣ;
4. Нақши роҳбалад-тарҷумонҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ;
5. Роҳҳои баланд бардоштани савияи тарҷумонҳои касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
6. Муаррифии иқтидори сайёҳии Тоҷикистон бо забонҳои хориҷӣ.

Забони расмии конференсия: **тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.**

Барои иштирок дар конференсия то **20 майи соли 2021** матни гузоришҳоро дар ҳаҷми 5–10 саҳифа дар шакли чопӣ ва электронӣ дар формати MS WORD (Times New Roman 14, масофаи байни сатрҳо 1,5) ва маълумотро дар бораи муаллиф (ному насаб ба пуррагӣ, дараҷаи илмӣ, ҷои кор, вазифа, нишонӣ, телефон барои тамос ва нишонии почтаи электронӣ) пешниҳод намоед.

Маводи конференсия дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо нашр мешавад.

**Нишонии мо:** 734019, Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. **Тел.:** (+99237) 232-50-00; 232-87-30; 550550654; 985162061. **Почтаи электронӣ:** ambition.ok@mail.ru; havas3001@mail.ru

***Кумитаи тадорукот***